# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзӯи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X яке аз масъалаҳоест, ки атрофи он пажӯҳишҳои фаровон сурат гирифта бошад ҳам, то имрӯз аз мавзуъҳои доғи таърихнигории миллӣ шинохта мешавад. Зеро, аз яктараф забткориҳои араб дар Хуросон сабаби шикасти бебозгашти низоми шоҳаншоҳии Сосониён шуда бошанд, аз ҷониби дигар сохти яккаҳокимияти мутлақ ва пуртаззоду шадиди табақотӣ, вазъи ногувори иқтисодӣ ва омезиши эътиқодоти мардум ба боварҳои гуногун, ба пойдевори ин давлат зарба зада, боиси таназзул ва шикасту суқути он гардид, бастагӣ дорад.

Бояд таъкид намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти илмии ин масъаларо ба назари эътибор гирифта, чунин зикр намудаанд: “Зуҳури ислом бо вуҷуди шикастани низоми иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаи сосонӣ ва мардуми Варорӯд таконе дар низоми зиндагӣ ва андешаи худшиносиву ҷаҳоншиносии кулли ақвоми ориёӣ гардида, онҳоро ба роҳу равиши нави худошиносӣ ва ойини яктопарастӣ ҳидоят намуд”.

Муаллиф дар муқаддимаи рисола аҳамияти мавзуъ, дарачаи омӯзиши он, сарчашмаҳои омӯзиши мавзӯи мазкурро нишон дода, ҳамзамон ҳадаф ва мақсади таҳқиқот, навоварӣ ва асосҳои методологии таҳқиқотро хеле хуб ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Пойгоҳи манбавии таҳқиқотро сарчашмаҳои муҳим ва боэътимод, пеш аз ҳама манбаҳои хаттии таърихӣ ва сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии ба забонҳои арабию форсӣ таълифгардидаи муаррихони асрҳои IX-XII ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин муаллиф сарчашмаҳои мавриди истифодаро вобаста ба мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъҳои баррасигардида ба се гурӯҳ ҷудо намуда, хеле хуб ба риштаи таҳлил кашидааст.

Дар раванди таҳқиқи рисолаи мазкур Ғуломов Т.М. пеш аз ҳама ба ҷанбаҳои таҳқиқотӣ диққати махсус дода, дар рафти таҳқиқот риояи

истифодаи усули диалектикии илмӣ - таърихию фарҳангиро роҳандозӣ намуда, тамоми ҷузъиёт бо аҳдоф ва вазифаҳои таҳқиқот тавъам буда, пешгуфтор, чор боб, даҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда, ки аз 371 номгӯй иборат аст, мавриди муфассали тадқиқот қарор додааст.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзӯъ ба талабот мувофиқ буда, олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ҷанбаҳои гуногуни таърихи забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳрро мавриди таҳқиқу омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор додаанд. Дар омӯзиши масъалаи мазкурсаҳми олимону муҳаққиқони ватанӣ, Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои Араб, Русия ва Аврупову Амрико ба таври назаррас аз маҷрои даҳсолаҳои гузашта фарқ мекунад дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди таҳқиқу пажӯҳиш ва назар қарор гирифтааст.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди омӯзиш қарор додани таърихнигории таърихи раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII - X, таҳқиқи паёмадҳои забткориҳи араб, сабабу омилҳои раванди исломпазирии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, саҳми эрониён-тоҷикон дар ташаккул ва густариши илму фарҳанги ин давра маҳсуб меёбад.

Дар боби аввал таҳти унвони «Сарчашмаҳо ва таърихнигории мавзуи таҳқиқшаванда» дар зербоби якум сарчашмашиносии масъалаи таҳқиқшаванда ва зербоби дуввум таърихнигории масъалаи таҳқиқшаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии муаррихони асрҳои IX-XIII, бахусус таълифоти муҳимме чун «Ҳудуду-л-олам мин-ал-Машриқ-ила-л-Мағриб», асарҳои «Масолику-л-мамолик»-и Истахрӣ, «Сурату-л-арз»-и Ибни Ҳавқал, «Таъриху-р-русул ва-л-мулук»-и Муҳаммад Ҷарири Табарӣ аз зумраи сарчашмаҳоеанд, ки перомуни раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва ғайра маълумоти зиёд медиҳанд.

Боби дуюми рисола «Инъикоси вазъи умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи забткориҳои араб дар манобеи таърихӣ ва бозтоби он дар осори илмӣ» ном дошта, дар асоси пояҳои маълумоти манобеи асримиёнагӣ ва натиҷаи таҳқиқоти донишмандони ҷаҳон дар зербоби нахустини он масъалаҳои ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва вазъияти сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо, дар зербоби

дуввуми он вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳамлаи арабҳо ва зербоби саввуми боби мазкур ҳолати эътиқоди мардумони бумии минтақа қабл аз ворид шудани арабҳо таҳлилу арзёбӣ шудаанд.

Боби саввуми рисола «Сарчашмашиносӣ ва таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои озодихоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр» ном дорад. Зербоби аввали он ба раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва зербоби дуввум раванду марҳилаҳои асосии муқовимати аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр алайҳи истилогарони аҷнабиро фаро мегирад.

Боби чоруми рисола «Паёмадҳои забткориҳои араб ва паҳншавии дини нав дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ» ном дошта, дар зербоби якуми он раванди исломикунонии Хуросону Мовароуннаҳр тибқи сарчашмаҳои таърихӣ инъикос ёфтаст, ки раванди исломигардонӣ ва исломпазирӣ дар миёни мардумони Осиёи Миёна аз масъалаҳои хеле муҳимми таърихнигорӣ ва фарҳангшиносӣ мебошад, дар зербоби дуввум саҳми донишмандони минтақа дар рушду густариши илм ва фарҳанги ин давра, яъне аз ибтидои зуҳуру ташаккули он то ба вуҷуд омадани салтанати Тоҳириён, ки хусусияти дунявӣ доштаст, таҳлил гаштааст ва дар зербоби сеюм нақш ва мақоми ҳанафия дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр арзёбӣ гаштааст.

Дар хулоса дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои боэътимод доир ба масъалаҳои мухталифи забткориҳои араб ва муборизаи истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр натиҷаҳои умумии тадқиқот мушикофона ҷамъбаст ва пешниҳоду тавсияҳои нишонраси муаллиф оварда шудаанд.

Мазмуну мухтавои автореферати диссертатсия дар мақолаю корҳои чопшудаи илмии муаллиф, ки дар рӯйхати интишороти илмии довталаб иборат аз 32 номгӯй омадааст, пурра инъикоси худро ёфтааст.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Ба андешаи мо, дар автореферати диссертатсия таърихнигории муҳорибаи хунини Талас, ки соли 751 байни Хилофати араб ва империяи Тан ба амал омада, тақдири Мовароуннаҳрро ҳал намуд ва Суғд ба ҳайати Хилофати араб дохил шуд, аз мадди назари муаллиф дур мондааст.

ҳайати Хилофати араб дохил шуд, аз мадди назари муаллиф дур мондааст.

2. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки онҳо арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Умуман, рисолаи номзадии Ғуломов Т.М. дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ навишта шудааст ва он бе шак саҳми муҳими муаллиф дар таърихнигории Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тавр, рисолаи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзӯи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» ба талаботҳои муқаррарнамудаи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Мудири кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати**
**Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Имзои мудири кафедраи таърих ва диншиносии**
**ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих,**
**профессор Ҳомидзода Ф.М.- ро**
**тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати шӯъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсус** **Мирпоччоев И.Х.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulp@rambler.ru .

15.03.2024